# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И ПОДДЕРЖКИ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ ЭКОЛОГИИ

**Досиев М.Н., Шарифов Х.А.**
**Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

В современных условиях для обеспечения эколого-экономического развития Республики Таджикистан необходимо наиболее эффективно использовать все ресурсы экономического роста, в том числе все факторы и ресурсы предпринимательской деятельности в сфере экологии.

Так как возникшие вопросы по охране окружающей природной среды в XXI веке приобрели глобальный характер и имеют тенденцию к проникновению во все сферы жизнедеятельности общества - в научно-техническую, культурную, в государственное управление, в общее образование, включая право и мораль, то область предпринимательства не может являться исключением из общих правил.

***Как отметил Президент страны Эмомали Рахмон в послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан: «развитие предпринимательства и всестороннее содействие его деятельности является одной из первостепенных задач Правительства страны, ибо малое и среднее предпринимательство, особенно производственное предпринимательство является одним из важных факторов повышения уровня и качества жизни народа страны и надёжной основой обеспечения стабильного развития национальной экономики и решения социально-экономических проблем».*** [1] Проблема формирования и обеспечения устойчивого развития, которая проявляется изначально из потребностей населения и является одной из функций государства, в современном мире относится к неотъемлемой части экономики и предпринимательства. Не зря политическими и общественными деятелями, специалистами-экономистами обозначен тезис о необходимой насущности «зеленого» экономического роста, последовательного перехода к «зеленой» или экологической экономике.

На наш взгляд, в современных условиях одной из наиболее сложных и в то же время важных задач государства является формирование действенной и эффективной системы регулирования, и как часть – формирование и развитие малого предпринимательства в сфере экологии.

Вместе с тем, следует обратить внимание, что данный институциональный фактор у нас в республике находится на начальной стадии своего становления и развития.

Изучив современную ситуацию института предпринимательской деятельности в сфере экологии, можно сказать о том, что в современных условиях главная задача страны в области регулирования экологической предпринимательской деятельности, которая нацелена на охрану окружающей природной среды, складывается из двух основных составляющих:

1. Оптимизация или реорганизация государственного регулирования, включая нормативно-правовое обновление законодательной базы.

2. Надлежащее наличие государственной поддержки и экономического стимулирования.

Исследования показали, что в целом все крупнейшие компании – природопользователи, так или иначе вовлечены в решение экологических проблем, разрабатывают собственные экологические программы и планы, принимают локальные нормативно-правовые акты, на своем уровне утверждают корпоративные требуемые экологические стандарты.

На конкурсной основе из числа организаций инфраструктуры относительно обеспечения поддержки малого и среднего предпринимательства выделяется одна организация, осуществляющая впоследствии исполнение всех мероприятий программы по целенаправленной поддержке экологического предпринимательства, в качестве которых предложены:

- льготное информационное обеспечение;
- предоставление гарантийного обеспечения для получения кредитных ресурсов;
- субсидирование или финансирование экологических предприятий;
- помощь при реализации маркетинговых исследований;
- льготные условия при консультации относительно вопросов ведения предпринимательства;
- прочие виды поддержки, которые могут быть предусмотрены при разработке программных мероприятий.

В числе наиболее эффективных и действенных эколого-экономических институтов в процессе деятельности можно выделить особенно используемые институты:

- государственная экспертиза программ и проектов, касающихся экологии;
- специализированные некоммерческие финансово-кредитные организации;
- налоговое, таможенное и кредитное стимулирование;
- поддержка разработки и внедрения инновационных технологий и т.д.

Начиная с 2002 года, после длительного застоя, предпринимательство в Таджикистане стало развиваться, особенно со времени принятия Закона РТ «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан». Законом были установлены и определены направления государственной защиты и поддержки предпринимательства (рис. 1).

Обеспечение участия населения и граждан в принятии решений, которые касаются непосредственно их прав на обеспечение благоприятной окружающей природной среды и т.д. (рис. 2).

Кочигин Н. считает, что сфера экологического предпринимательства является относительно новым, но очень перспективным направлением бизнеса. Оно способно привлекать иностранные инвестиции, развивать инновации и содействовать тотальной экологической модернизации в стране [5].

По мнению отечественного диссертанта Эшова Д.К., самую трудную задачу, которую следует решать – это разработка и внедрение эффективных кредитно-финансовых инструментов и институтов государственной поддержки малого предпринимательства.

Ключевым направлением политики государственной поддержки для развития малого предпринимательства должно быть создание условий и возможностей получение доступа к финансово-кредитным ресурсам. Для многих предпринимателей,

представляющих интересы сектора малого предпринимательства, финансовые ресурсы не всегда доступны, а если доступны, то связаны с немалыми затратами [7].




***Рисунок 1.*** *Основные направление государственной защиты и поддержки предпринимательства в Республики Таджикистан.*




**Рисунок 2**. *Принципы государственной политики в сфере экологического развития.*

**Источник:** Мазурова, О.Г. [Текст] / О.Г. Мазурова // Автореф. дисс. … канд. экон. наук. - Санкт- Петербург, 2013. - 24 с.

По мнению Гулова К.М., формы для государственной поддержки малого бизнеса, учитывая тип по характеру воздействия на деятельность малых предприятий, могут быть разделены на так называемые прямые, а также и косвенные формы.

Автор считает, что к ***«прямым формам»*** государственной поддержки относятся «предоставление налоговых льгот малым фирмам, выделение бюджетных средств для льготного финансирования перспективных инвестиционных проектов, предоставление государственных площадей в аренду малым предприятиям по льготным ставкам».

***«Косвенные формы»*** поддержки осуществляются государством, и обычно, косвенно, посредством стимулирования крупных и средних промышленных предприятий, включая банки и страховые компании, а также могут быть включены и другие элементы инфраструктуры для малого бизнеса, которые обеспечивают определенные условия для дальнейшего развития данных производств. К косвенным формам, по мнению автора, относятся такие формы поддержки государством, как определение и обеспечение «субвенций и дотаций регионам», чаще в качестве поощрительных выплат за достаточно высокий уровень развития малого предпринимательства [5].

Задачами для разработки экономического механизма охраны окружающей природной среды являются развитие материального и морального стимулирования деятельности министерств и ведомств, а также различных организаций и учреждений, промышленных предприятий, независимо от форм собственности и подчиненности, их работников, инициативных граждан в решении задач, а так же планировании и выполнении мер для экологической безопасности, бережного и рационального использования, сохранения и воспроизводства природных ресурсов.

Методы государственного регулирования и поддержки малого бизнеса в сфере экологии разделяются на ***косвенные (экономические) и прямые (административные).*** В ряде случаев деление методов на косвенные и прямые оказывается условным, а иногда его трудно провести, однако такое деление является целесообразным для целей анализа и классификации.

Косвенные (экономические) методы воздействуют на субъекты малого бизнеса в сфере экологии не прямо, а посредством влияния на их экономические интересы.

К косвенным методам регулирования относятся денежно-кредитная, бюджетная, налоговая и внешнеэкономическая политика.

К прямым методам регулирования и поддержки относятся правовые методы, система ценообразования, режим квотирования, политика доходов, лицензирование.

Мы считаем, что необходимость государственного регулирования малого предпринимательства в сфере экологии предопределена существенной ограниченностью инвестиционных возможностей, обусловливающих разработку действенного и эффективного механизма и инструментария для поддержки. Опыт экономически и индустриально развитых государств, где наблюдается стремительное развитие экологического предпринимательства показал, что это происходит при самом активном непосредственном участии государства.

## Литература:

1. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Маджлиси Оли Республики Таджикистан (Электронный ресурс): http //http //www.prezident.tj (Accessed 20 Sept.2012).

2. Закон «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан». - 2002.

3. Гулов К.М. Региональные особенности государственной поддержки малого предпринимательства [Текст] / К.М. Гулов // Автореф. дисс. … канд. экон. наук. – Душанбе, 2007. – С. 18-19.

4. Исмонов Ф.Б. Государственная поддержка и регулирование предпринимательской деятельности в сфере промышленного производства: Автореферат диссертации канд. экон. наук. - Душанбе – 2007. - С. 8–9.

5. Кочигин Н.В. - к.ю.н. Предпринимательская деятельность в целях охраны окружающей среды. - С. 8.

6 Мазурова, О.Г. [Текст] / О.Г. Мазурова // Автореф. дисс. … канд. экон. наук. - Санкт-Петербург, 2013. - 24 с.

7. Эшов Д.К. Государственная поддержка развития малого предпринимательства [Текст] / Д.К. Эшов // Автореф. дисс. … канд. экон. наук. – Душанбе, 2006. – С. 13-15.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И ПОДДЕРЖКИ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ ЭКОЛОГИИ

В статье автор рассматривает один из важнейших вопросов взаимоотношения человека с природой в процессе реализации предпринимательской деятельности. Автор отмечает о роли государственных органов в сфере защиты окружающей среды при осуществлении сотрудничества с предпринимательскими структурами, что имеет огромное значение для экономики Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, экологическое предпринимательство, экологическая политика, промышленные отходы, экологическое бедствие, экологическая безопасность, экологическая обстановка, государственное регулирование, окружающая природная среда.

## ТАКМИЛИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТ ВА ДАСТГИРИИ БИЗНЕСҲОИ ХУРД ДАР СОҲАИ ЭКОЛОГИЯ

Дар мақола муаллиф яке аз масъалаҳои муҳимтарини муносибати инсон ва табиатро дар раванди татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ мекунад. Муаллиф нақши мақомоти давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар татбиқи ҳамкорӣ бо сохторҳои соҳибкорӣ қайд мекунад, ки барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

**Калимаҳои калидӣ:** рушди устувор, соҳибкории экологӣ, сиёсати экологӣ, партовҳои саноатӣ, офатҳои экологӣ, амнияти экологӣ, шароити экологӣ, танзими давлатӣ, муҳити табиӣ.

## DEVELOPMENT OF FORMS OF STATE REGULATION AND SUPPORT OF ENVIRONMENTAL BUSINESS IN THE REGION TAJIKISNAN

This article is devoted to one of the most important aspects of the relationship between man and nature in the process of implementation of the entrepreneurial activity. The author notes the role of state bodies in the process of environmental protection and implementation of cooperation with entrepreneurial institutions, which is of great importance for the economy of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** sustainable development, ecological enterprise, ecological policy, industry return material, ecological disaster, ecological security, ecological situation, state control, nature ecology.

**Сведения об авторах:**

**Досиев Махмадшох Назарович** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, п. И. Сомони, E.mail; dostiev68@mail.ru.тел:

**Хайрулло Азизович** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, п. И. Сомони, С. Носир 33.

**Information about the avthor:**

**Dosiev Makhmadshoh Nazarovich** – Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, p. И. Somoni, E.mail; dostiev68@mail.ru.

**SHarifov KHairullo Azizovich** – Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, p. И. Somoni, С. Носир 33.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНӢ

**Қизилов Аламшо Алихонович**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ояндаи иқтисодиёти мамлакат бо рушд ва такомули муносибатҳои бозоргонӣ ва дигаргуниҳои самаранок дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, воқеан, алоқаманд мебошад. Хизматрасонӣ намуди муҳимми фаъолияти иқтисодӣ буда, он ба кулли ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад. Дараҷаи қонеъ гардидани талаботи аҳолӣ аз хизматрасонӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии сатҳу сифати ҳаётӣ мебошад. Хизматрасонӣ метавонад ба дигаргунсозии сохтории иқтисодиёт, фаъолгардонии истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, густариши робитаҳои хоҷагидории байнидавлатӣ ва минтақавӣ мусоидат намояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ муаллифон як қатор мафҳумҳои муайянкунандаи «хизматрасонӣ»-ро пешниҳод намудаанд. Чандин даҳсола инҷониб иқтисодчиён ҷустуҷӯи мафҳуми нисбатан пурра ва аниқи онро идома дода истодаанд. Бори аввал истилоҳи «хизматрасонӣ» дар асри XIX аз ҷониби иқтисодчии фаронсавӣ Жан Батист Сей ба

гардиши илмӣ фаро гирифта шудааст. Дар таҳқиқоти худ  ӯ чинин мешуморад, ки хизматрасонӣ на фақат аз тарафи инсон, балки аз ҷониби чизҳо ва қувваи табиат низ амалӣ карда мешавад [2].

Як қатор олимон дар он ақидаанд, ки тахти хизматрасонӣ натиҷаи он фаъолиятҳои иқтисодиеро дарк намудан зарур аст, ки онҳо шакли моддиро дар бар нагирифта, талаботи муайяни шахсӣ, коллективӣ ва ҷамъиятиро қонеъ менамоянд. Бо дарназардошти мураккабӣ ва шартӣ будани тавзеҳи чунин мафҳуми бисёрҷанба, Л.И. Берестова чунин тафсирро пешниҳод менамояд: хизматрасонӣ – фаъолияти хоҷагидорие мебошад, ки он ба қонеъ гардонидани талаботи фармоишгар (шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ) бо роҳи фароҳамсозии неъматҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, моддӣ равона гардидааст ё ин ки эҳёкунандаи шароит ҷиҳати истеъмоли неъматҳои зикршуда мебошад [1, 114].

Соҳаи хизматрасонӣ ба равандҳои истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматрсонӣ мусоидат намуда, ҳамгироӣ ва инкишофи мувозинат ва самаранокии онҳоро таъмин менамояд ва дар байни истеҳсолу истеъмол ҳамчун миёнарав баромад карда, миёни истеҳсолкунандаю истеъмолкунандаи мушаххас рақобати молҳои асосан дар истеҳсолоти моддӣ бавуҷудояндаро тавассути ивази норасоии неъматҳои моддӣ ба вуҷуд меоварад.

Ба вуҷуд омадани мол дар шакли хизматрасонӣ ташаккули бозори хизматрасониро ба миён овард. Он маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, моддӣ ва молиявиеро ифода менамояд, ки дар байни истеҳсолкунандагони ин гуна хизматрасониҳо (фурӯшандаҳо) ва истеъмолкунандагони онҳо (харидорон) дар ҷараёни харидуфурӯши хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд. Ба сифати субъектҳои ин гуна муносибатҳо – корхонаҳо, муассисаҳо ва шахсони ҳуқуқии таъминкунанда ва истеъмолкунандаи хизматрсонӣ баромад мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии бозори хизматрасонӣ дар қиёс бо бозори маҳсулот дараҷаи баланди мутобиқшавӣ  ва вобастагии он аз макон мебошад. Инчунин он бо усули махсуси ҳамлу нақли хизматрасонӣ алоқаманд мебошад, чунончи амалисозии он иртибот (тамос)-и шахсии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаро тақозо менамояд. Он ё ин ки истеҳсолкунандаи хизматрасониро ба макони истеъмолкунанда ҳаракат медиҳад ё ин ки баръакс, ҳаракати истеъмолкунандаро ба макони истеҳсолкунандаи хизматрасонӣ таъмин менамояд. Рушди телекоммуникатсия ва компютеронӣ ҳангоми амалисозии хизматрасонӣ зарурати баамалбарории тамосро коҳиш медиҳад. Равандҳои технологӣ қисми муайяни масъалаи аз макон вобастагии бозори хизматрасониро бартараф месозанд.

Хизматрасонӣ раванди дарбаргирандаи як қатор амалҳои ламснашаванда мебошад, ки онҳо аз рӯйи зарурат ҳангоми ҳамгироӣ дар байни харидор ва нафари хизматрасон, захираҳои воқеӣ, низоми корхонаи таъминкунандаи хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд. Ин раванд ба ҳалли мушкилоти харидори хизматрасонӣ равона гардидааст [8, 30].

Бо ақидаи мазкур инчунин И. Фишер низ мувофиқ мебошад, зеро ӯ тасдиқ менамояд, ки хизматрасонӣ – ин амалест, ки таъмини он ба молики хизматрасонӣ даромад меорад. Л. А. Сосунова хизматрасониро ҳамчун намуди фаъолияте шарҳ медиҳад, ки он бо раванди таъмин ё иҷрои хизматрасонии  мазкур дар робитаи ҷудонашаванда қарор дорад, ки дар ин ҳангом шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, аҳолӣ ва корхонаҳо метавонанд ба сифати объект баромад кунанд [6, 33].

К. Маркс мафҳуми «хизматрасонӣ»-ро аз нигоҳи фаъолият баррасӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ, хизматрасонӣ амали муфидест, ки он арзиши истеъмолии ин ё он молу меҳнатро ифода мекунад [3, 483].

Тибқи қоида, ба сифати предмети хизматрасонӣ на ин ки натиҷаи моддии амал, балки худи ягон амал баромад мекунад (таъмини хизматрасонии маслиҳатӣ, нақлиётӣ). Лекин дар баъзе мавридҳо хизматрасонӣ метавонад ба натиҷаи моддӣ низ оварда расонад: сохтмони бино, вобаста ба фармоиш истеҳсол намудани либос, пойафзол, ҷиҳози хона. Соҳаҳои хизматрасонӣ беҳад гуногун мебошанд. Ба ақидаи муаллифони мухталиф таснифи намудҳои хизматрасонӣ вобаста ба нишонаҳои хислатӣ гуногун мебошанд.

Қатъи назар аз сатҳи баланди омӯзиши истилоҳи «хизматрасонӣ» дар иқтисодиёти байналхалқӣ доир ба мушаххасоти моҳияти хизматрасонӣ услуби ягона вуҷуд надорад.

Хизматрасониро асосан ҳамчун натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ муайян менамоянд. Ба ақидаи олимон – иқтисодчиён хизматрасонӣ дар таъсиррасонӣ ба инсоният алоқамандии бевосита дорад, дигарон бошанд, бавосита, яъне тавассути чизҳое, ки ба онҳо молҳои истифодаи тӯлонӣ, сохтмон, воситаи нақлиёт ва ғайраро мансуб медонанд. Қаблан хизматрасониро аз рӯи маҳсулот муайян мекарданд, вале муносибат нисбат ба он дуюмдараҷа ба шумор мерафт. Айни замон хизматрасонӣ ҳамчун «маҳсулоти аз нигоҳи иқтисодӣ арзишнок, ки он метавонад даромади назаррасро таъмин намояд» баррасӣ карда мешавад. Он маҳсулотест, ки талабот ба он дар шакли тамоюли рушди устувори ҷаҳонидошта тавсиф ёфта, он бо инкишофи тамаддун ва болоравии некуаҳволии ҷамъиятӣ ҳамгиро мебошад [4, 212].

Дар соҳаи хизматрасонӣ бахши давлатӣ (муассисаҳои таълимӣ, почта, беморхонаҳо, осорхонаҳо), бахши хусусии ғайритиҷоратӣ (иттиҳодияҳои истеъмолӣ) ва инчунин бахши хусусии тиҷоратӣ (бонкҳо, биржаҳо, меҳмонхонаҳо) ширкат меварзанд. Дар робита бо ин аз рӯйи шакли моликият хизматрасонӣ ҷудо мешавад ба:

- бахши давлатӣ – хизматрасониҳое мебошанд, ки сармоягузории азимро талаб намуда, барои субъектҳои бахши хусусӣ қобили мақсад намебошанд;
- бахши хусусӣ – хизматрасониҳои дорои хислати истеъмолӣ буда, тавассути онҳо сармояи ибтидоиро базудӣ ба даст овардан мумкин аст.
- ташкилотҳои дорои шакли моликияти омехта – хизматрасониҳое мебошанд, ки барои субъектҳои тиҷоратӣ амалӣ карда шуда, дар ин ҳангом ҳам бахши давлатӣ ва ҳам шахси хусусӣ ба сифати молик баромад мекунанд.

Вобаста ба бахши соҳавӣ намудҳои зерини хизматрасониро ҷудо мекунанд:

- хизматрасонии маишӣ;
- хизматрасонии таълимӣ;
- хизматрасонии тиббӣ;
- хизматрасонии маданӣ;
- хизматрасонии нақлиётӣ;
- хизматрасонии савдо.

Қобили қайд аст, ки дар чорчӯбаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) тиҷорати байналхалқӣ тавассути Созишномаи генералӣ доир ба тиҷорати хизматрасонӣ ба танзим дароварда мешавад. ГАТС зиёда аз 160 намуди хизматрасониро ҷудо намуда, принсипҳо ва қоидаҳои батанзимдарории тиҷорати хизматрасониро муайян менамояд. Таснифи ГАТС 15 блокҳои муттаҳидсозандаи хизматрасониҳоро дар бар мегирад: дорои хислати корчалонӣ, алоқа; корҳои сохтмонӣ, дистрибютерҳо; соҳаи маориф; ҳифзи муҳити зист; бахши молия; соҳаи тиб ва таъминоти иҷтимоӣ; хизматрасонии маишӣ, туризм ва саёҳат; чорабиниҳои фароғатӣ, маданӣ ва варзишӣ; нақлиёт ва ғайра [7].

Инак, ақидаи муаллифони гуногунро доир ба мазмун ва мундариҷаи мафҳуми «хизматрасонӣ» баррасӣ намуда, чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст, ки тавзеҳи ягона доир ба мафҳуми мазкур вуҷуд надорад. Доир ба ин масъала ақидаи муаллифон аз ҳам дур мешаванд, яке хизматрасониро ҳамчун амал тавзеҳ менамояд, дигаре ҳамчун фаъолият ва натиҷаи ин фаъолият, сеюмин бошад, хизматрасониро ҳамчун неъмати қонеъкунандаи талаботи муайян тавсиф менамояд. Қатъи назар аз гуногунии мушаххасоти мафҳуми мазкур инчунин таснифи хизматрасонӣ низ гуногунранг мебошад. Хизматрасонӣ аз рӯйи нишонаҳои гуногун тасниф карда мешавад, ин тавассути ҳуҷҷатҳои меъёрӣ низ тасдиқ меёбад.

Бахши хизматрсонӣ нишонаи тавсифии раванди иқтисодии пасиндустриалӣ мебошад, ки дар он зиёда аз 60%-и аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда фаъол мебошанд. Бахши хизматрасонӣ мафҳуми мухтасаре мебошад, ки он кулли намудҳои хизматрасониҳои ҳам тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратии ба ташкилот ва шахсони воқеӣ пешниҳодшавандаро дар бар гирифта, қувваи ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёти муосир маҳсуб меёбад.

Нақши амалии бозори хизматрасонӣ дар низоми рушди иқтисод ва тараққиёти ҷамъиятӣ боиси ба сифати объекти мустақили таҳқиқот ва сохтори мушаххаси бозор баррасӣ гардидани бозори хизматрасонӣ мегардад. Дар кулли давраҳои истеҳсолӣ дар сохтори талабот афзоиш ёфтани саҳми талаботи хислати хизматрасонидошта масъалаи ҳамчун сохтори нисбатан мустақили қисми бутун-иттиҳодияи амалии қисми таркибии низоми бозорӣ баррасӣ намудани бозори хизматрасониро пеш меорад.

Маълум аст, ки вазифаи иқтисодии мубодила иборат аз амалисозии ҳамгироии иқтисодӣ дар низоми такрористеҳсолӣ мебошад. Бинобар ин, бозори хизматрасонӣ ба мисли дилхоҳ сохтори бозорӣ дар заминаи рақобат, ҳамгироии талабот ва пешниҳод, нархмуайянкунии озод дар ҷараёни мубодилаи мол ҳамоҳангсозӣ мегардад. Лекин пеш аз баррасии бозори хизматрасонӣ зарурати таҳлили таркиби умумии бозор, яъне хусусиятҳои умумии он ки хоси ҳар як сегмант ва ҷузъи таркибии муносибатҳои бозорӣ мебошанд, вуҷуд дорад.

Дар адабиёти муосири иқтисодии ғарб бозор шабеҳи соҳаи мубодила дониста мешавад, вале худи мубодилаи неъматҳо дорои хислати истеҳсолӣ мебошад, чунончи он имконияти нисбатан пурра қонеъ намудани талаботи инсонро ҳангоми мавҷудияти захираҳо фароҳам менамояд.

Дар сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷамъияти муосир бозори хизматрасонӣ нақши нисбатан бузургро дорад, бинобар донистани омилҳое, ки рушди онро муайян менамоянд, зарур шуморида мешавад. Ин омилҳо гуногун мебошанд: ибтидо аз сирф иқтисодӣ то ақлӣ, яъне, равонӣ; аз макроиқтисодӣ то микроиқтисодӣ. Дар ин шумора омилҳои зеринро қайд менамоем:

- нақши макроиқтисодии давлат, ки воқеан, ба ҳавасмандгардонии рушди бозори хизматрасонӣ равона гардида, он бо роҳи бунёди шароити мусоид барои соҳибкорӣ (махсусан, дар бахши тиҷорати хурд), ташаккули низоми андозии самарабахши ҳамоҳангсозандаи бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ (дар истеҳсоли хизматрасонӣ) амалӣ карда мешавад;
– сатҳи некуаҳволии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва рушди даромаднокии онҳо;
– ҳолат ва суръати рушди истеҳсоли қисмҳои баамалбарорандаи техникию технологии фаъолияти дорои намудҳои хизматрасонӣ ва бозори хизматрасонӣ, ки нафақат

параметрҳои бозори мазкурро, балки сифати муосири хизматрасониро низ муайян менамоянд, ки хеле муҳим арзёбӣ мегардад (аксари намудҳои хизматрасонӣ аз технология вобастагии баланд доранд: алоқаи мобилӣ, тиббӣ, хизматрасониҳои бонкӣ);




– мавҷудияти мутахассисони ба қадри кофӣ омодашуда, аз он ҷумла менеҷерон, бозоршиносон (маркетологҳо). Доираи васеи шаклҳои мухталифи омода намудани нафарони машғул дар тиҷорати хурд;

– анъанаҳо, шуурнокие, ки бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад, зеро вазъи бозори хизматрасонӣ, низом ва сифати хизматрасонӣ аксаран аз рӯйи дараҷаи маданиятнокии ҷамъият, аз ҷумла субъектони бозори хизматрасонӣ ва комилан аз рӯйи ҳолати омили фарҳанги иҷтимоӣ муайян карда мешавад;

Дар ҷамъияти муосир бозори хизматрасонӣ ҳамчун падидаи ба таври муттасил инкишофёбанда бояд бо такрористеҳсоли ҳаёти инсонӣ алоқамандӣ дошта бошад ва дар самти бунёди шароити мусоиди рушд ва ҷойгирсозии қувваҳои истеҳсолии минтақаҳои алоҳида мусоидат намояд [5, 317].

Барои ташаккули фазои сармоягузории мусоид дар бахши хизматрасонӣ, корхонаҳои таъминкунандаи хизматрасониро дар мадди аввал зарур аст, ки ба талабот ва имконияти иқтисодии истеъмолкунандагон такя намуда, хизматрасониҳои амалкунандаро саривақт таҷдид намоянд ва хизматрасониҳои навтаъсисро вобаста ба дархости мизоҷон тағйир

диҳанд. Ин иқдом ба корхонаҳо имконияти дар бозори хизматрасонӣ рақобатнок боқӣ монданро фароҳам сохта, ҳамзамон тавассути дар минтақа ташаккул додани фазои сармоягузории мусоид талаботи манфиатовареро дастгирӣ менамояд, ки он ҷалбкунандаи сармоягузор мебошад.

Ҳамин тариқ, адабиёти илмӣ доир ба моҳияти бахши хизматрасонӣ ва мавқеи он дар иқтисодиёти муосир нуқтаи назари тадриҷан зиёдро дар бар мегирад. Дар ин замина, дар робита бо он ки ҷазби сохтори истеҳсолоти ҷамъиятии аксари кишварҳо ба модели хизматрасонии рушд имконияти гуфтугӯро оид ба гузариш ба шакли посиндустриалии иқтисодиёт фароҳам меоварад, бахши хизматрасонӣ таваҷҷуҳи махсуси илмиро ба худ талаб менамояд.

Бахши хизматрасонӣ ба иқтисодиёт таъсири фаъоли худро расонида, дар кишварҳои тараққикарда дар самти ташаккули ММД, ҷамъоварии ибтидоии сармоя, захираҳои меҳнатӣ, истеъмоли ниҳоии хоҷагиҳои хонавода ва дар ниҳоят, шароити зисти мусоиди шаҳрвандон мавқеи хосро ишғол менамояд.

**Адабиёт:**


1. Берестова Л.И. Рынок услуг и особенности его развития в социальной сфере. Вестник РГТЭУ. 2010. №5. - С. 104-114. 2003. № 3. - С. 337.
2. Жан Батист Сей. Трактат по политической экономии. http://www.humanities.edu.ru /db/msg/16936 (дата обращения: 18.04.2020).
3. Маркс К. Сочинения. - М. 1965. Т. 23. - 483 с.
4. Медународный рынок услуг: учебник / под ред. В.А. Черненко. – СПб.: Нестор-История, 2011. – 212 с.
5. Кондратьева А.К. Рынок услуг как динамично развивающееся явление в современном обществе. - Текст: непосредственный, электронный // Молодой ученый. - 2013. - № 12 (59). - С. 317-321. - URL: https://moluch.ru/archive/59/8311/ (дата обращения: 20.04.2020).
6. Сосунова Л.А. Влияние сферы услуг на экономику // Российское предпринимательство.
7. Услуги и ВТО / Материалы сайта «Портал внешнеэкономической информации [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.ved.gov.ru/mdb/information/attendance/trade _and_wto
8. Gronroos C. An applied service marketing theory // European Journal of Marketing. V. 16.№ 7. 1982. P. 30-43.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНӢ


Дар мақола масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди бозори хизматрасонӣ баррасӣ мегардад. Диққати махсус ба ақидаҳои мухталифи олимон оид ба пайдоиш ва махсусияти бозори хизматрасонӣ дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки хизматрасонӣ як намуди фаъолияти муҳимми хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта, барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Инчунин дар мақола шакли хизматрасонӣ, ташаккули бозори хизматрасонӣ, равандҳои истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва намудҳои хизматрасонӣ баррасӣ мешавад.


Таъкид карда мешавад, ки яке аз хусусиятҳои асосии бозори хизматрасонӣ дар қиёс бо бозори маҳсулот дараҷаи баланди мутобиқшавӣ ва вобастагии он аз макон мебошад.

Қатъи назар аз сатҳи баланди омӯзиши истилоҳи хизматрасонӣ дар иқтисодиёти байналхалқӣ доир ба мушаххасоти моҳияти хизматрасонӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Хизматрасониро асосан ҳамчун натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ муайян менамоянд. Ҳамзамон дар мақола масъалаҳои таъсири фаъоли хизматрасонӣ ба иқтисодиёт, нақши он дар ташаккули ММД, ҷамъоварии ибтидоии сармоя, захираҳои меҳнатӣ, истеъмоли ниҳоии хоҷагиҳои хонавода ошкор карда мешавад.

**Калимаҳои калидӣ:** бозори хизматрасонӣ, муносибатҳои бозоргонӣ, иштирокчиёни бозор, фаъолияти хоҷагидорӣ, рақобатпазирӣ, рушди иқтисодиёт, истеҳсолот, мубодила, талабот, неъматҳои моддӣ, истеъмолкунандагон ва меҳнат.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ РЫНКА УСЛУГ

В статье обсуждаются теоретические вопросы формирования и развития рынка услуг. Особое внимание уделяется различным взглядам ученых на происхождение и особенности рынка услуг. Отмечается, что услуги являются важным видом экономической деятельности и способствуют развитию торгово-экономических отношений.

В статье также обсуждаются формы предоставления услуг, формирование рынка услуг, процессы производства, распределения, обмена и потребления материальных благ и видов услуг. Следует отметить, что одной из основных особенностей рынка услуг по сравнению с рынком товаров является высокая степень адаптивности и местоположения. Несмотря на высокий уровень изученности сферы услуг в международной экономике, единого подхода к ее определению не существует.

Услуги определяются, прежде всего, как результат трудовой деятельности. Вместе с тем в статье также раскрываются вопросы активного воздействия услуг на экономику, их роль в формирование ВВП, начальном накоплении капитала, трудовых ресурсах и конечном потреблении домашних хозяйств.

**Ключевые слова:** рынок услуг, рыночные отношения, участники рынка, экономическая деятельность, конкуренция, экономическое развитие, производство, обмен, спрос, материальные блага, потребитель и рабочая сила.

## SOME ISSUES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE SERVICES MARKET

The article discusses theoretical issues of the formation and development of the services market. Special attention is paid to different views of scientists on the origin and characteristics of the services market. It is noted that services are an important type of economic activity and contribute to the development of trade and economic relations.

The article also discusses the forms of providing services, the formation of a service market, the processes of production, distribution, exchange and consumption of material goods and types of services. It should be noted that one of the main features of the service market compared to the goods market is a high degree of adaptability and location. Despite the high level of study of military service in the international economy, there is no single approach to its nature.

Services are defined primarily as a result of work. At the same time, the article reveals the issues of the active impact of services on the economy, their role in GDP, initial capital accumulation, labor resources and final consumption of households.

**Key words:**: Service market, market relations, market participants, economic activity, competitive, competitive, economic development, production, exchange, material goods, consumers and labor.

**Сведения об авторах:**

**Кизилов Аламшо Алихонович -** докторант 3-го курса, Таджикский государственный финансово-экономический университет. **Адрес:** 734000**,** Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Сино, 136/6. E-mail: **qizilov.alamsho@mail.ru.,**

**Information about the avthor:**

**Qizilov Alamsho Alikhonovich -** Tajik state finance and economics university, doctoral students course 3. Adress:, Republic of Tadjikistan, Dushanbe, street Sino, 136/6 E-mail: **qizilov.alamsho@mail.ru.**